# СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ТАРБИЯ
# ДАР ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ
# 2021-2025

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
профессор_____________Хушвахтзода Қ.Х.
«_______»______________________ 2021

# СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ТАРБИЯ ДАР ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2021-2025

## МУҚАДДИМА

Тарбия унсури калидии раванди таҳсилот маҳсуб меёбад. **Илми педагогика собит менамояд, ки тарбия, аз рӯи мақсаду вазифа ва мазмуну мундариҷа нисбат ба таълим муқаддамтару васеътар аст.** Фаъолияти тарбиявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд ДМТ) бо мақсади тарбияи шахсиятҳои сатҳи баланди ахлоқӣ, фикру ҷисми солим, эҳсоси баланди ватандӯстиву ватанпарварӣ, ҳуввият ва худогоҳии миллидошта, волоияти ҳуқуқи инсон, заҳматписанду зебопараст, сарфаю сариштакор, ботаҳаммулу тоқатпазир, масъулиятшиносу фаъол ва созандаю эҷодкор роҳандозӣ мегардад. Фаъолияти тарбиявии ДМТ дар асоси Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи рушди ДМТ барои солҳои 2021-2025, Оинномаи ДМТ, Стратегияи мазкур, низомномаи шуъбаи тарбия ва нақшаҳои тасдиқшуда ба роҳ монда мешавад. ДМТ дар самти ташвиқоту тарғиботи иҷтимоӣ, ҷалби бештари донишҷӯён ба корҳои муфиди ҷамъиятӣ ва аҳамияти калони иҷтимоию сиёсидоштаи давлатӣ чораҳои амалӣ меандешад. Фаъолияти тарбиявии донишгоҳ бар пояи тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангӣ асос ёфта, моҳияти он дар таҳкими Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстию ватанпарастӣ, арҷгузорӣ ба таърихи ниёгон ва дар таъмини амалишавии ҳадафҳои стратегии миллӣ ифода мегардад. Стратегияи рушди тарбия дар ДМТ муайянсозандаи сиёсати кунунӣ ва дурнамои донишгоҳ дар соҳаи тарбияи миллии оммаи васеи аҳолӣ, махсусан донишҷӯён мебошад. Стратегияи мазкур моҳият, мақсаду вазифаҳо ва дурнамои татбиқи самти тарбияро дар ДМТ муайян мекунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ оид ба лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» санаи 14.12.2010 таъкид доштанд, ки «Таърих гувоҳ аст, ки аз қадимулайём мардуми соҳибтамаддуни мо ба тарбияи фарзанд аҳамияти хоса зоҳир намуда, барои дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, донишандӯзиву маърифатпарварӣ, ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ва нангу номус ба воя расонидани фарзандони худ ҳамеша кӯшиш мекарданд». Дар Стратегияи мазкур роҳу усулҳои самараноки татбиқи самти тарбия мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Стратегияи рушди тарбия дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд - стратегия) ҷиҳати муайянсозии ҳадафҳо, афзалият ва тадбирҳо, тарбияи маънавию ҷисмонии донишҷӯён, инкишофи ҳисси ватандӯстӣ, фарҳангсолорӣ, худогоҳӣ, худшиносӣ, инсондӯстӣ, ифтихор ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, муҳаббати донишҷӯён нисбат ба Ватан, эмин нигоҳ доштани аҳолӣ аз таҳдидҳои замони муосир таҳия гардидааст. Стратегия ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, ҳадафу афзалият ва тадбирҳоро оид ба тарбияи донишҷӯёни ДМТ муайян менамояд. Таҳия ва тасдиқи стратегия дар самти тарбияи маънавию ҷисмонии донишҷӯён, инкишофи ҳисси ватандӯстӣ ва муҳаббати онҳо нисбат ба Ватан, ҳифзи амният, таҳкими истиқлолият ва ободии Ватан, эмин нигоҳ доштани аҳолӣ аз таҳдидҳои замони муосир, таблиғоти ифротгароёна, оштинопазирии милливу мазҳабӣ, пешгирӣ кардани зуҳуроти ифротгароӣ ва таассуби динӣ дар байни донишҷӯён заминаи устувор мегузорад. Ҳамзамон, амалишавии стратегияи мазкур барои баланд бардоштани эҳсоси худшиносӣ, садоқат ба Ватан, нангу номуси миллӣ ва фароҳам овардани шароит барои таҳкими заминаи маърифати ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва фарҳангии донишҷӯён мусоидат менамояд. Дар доираи стратегия, таблиғи ғояҳои асосии миллӣ, аз қабили садоқат ба Ватан, ифтихор аз гузаштаи шарафмандона, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва дастовардҳои истиқлолият, бунёди ҷомеаи пешрафта ва мутамаддини шаҳрвандӣ байни донишҷӯён ва пос доштани чунин вазифаҳо амалӣ карда мешаванд. Дар шароити кунунӣ ҷалби неруи мутахассисони бо тарбия, бахусус дар амалӣ гардидани ҳадафҳои созандаи Ҳукумат ниҳоят муҳим мебошад. Тарбияи мақсаднок донишҷӯёнро дар роҳи садоқат ба Ватан, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, худогоҳию хештаншиносӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ ҳидоят менамояд.

2. Қабули стратегия саривақтӣ буда, амалӣ намудани он метавонад монеаҳои мавҷударо рафъ намуда, ба мустаҳкам гардидани ҳисси муҳаббат ба Ватан, ватанпарастӣ, худшиносӣ ва нигоҳдошти ҳуввияти миллии донишҷӯён мусоидат намояд ва масъулияти онҳоро дар рушду инкишофи кишвар, ҳифзи манфиатҳои умумимилливу умумидавлатӣ баланд бардорад.

## II. ЗАРУРАТИ ТАҲИЯ ВА ҚАБУЛИ СТРАТЕГИЯ

1. Стратегия ҳамчун механизми амалӣ гардидани афзалиятҳои миллию умумибашарӣ бо мақсади тавсеа бахшидани ҳисси худшиносӣ, садоқат ба Ватан, нангу номуси миллӣ ва фароҳам овардани шароит барои таҳкими заминаи маърифати ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва фарҳангии донишҷӯён муқаррар гардидааст.

2. Ҳамчун маркази бонуфузи омода намудани мутахассисони ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат боқи мондани ДМТ минбаъд низ ба тарбияи мутахассисони сатҳи баланди ахлоқӣ, эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ дошта, риоягари арзиши олии ҳуқуқу озодиҳои инсон, ботаҳаммулу тоқатпазир, масъулиятшиносу фаъол ва созандаю эҷодкор вобаста аст. ДМТ тарбияи чунин мутахассисонро вазифаи аввалиндараҷаи худ медонад.

3. Стратегияи мазкур дурнамои устувор гардонидани самти тарбияи донишҷӯёнро бо дарназардошти арзишҳои миллию умумибашарӣ муайян менамояд. Таҳияи санади мазкур таҷрибаи нахустин буда, тарбияи устувори тамоми донишҷӯёни ДМТ-ро дар назар дорад.

4. Дар ДМТ ба ҳолати 30.12.2020 зиёда аз 25 736 донишҷӯ таҳсил менамояд, ки аз ин шумора 18 782 нафар ба шуъбаи рӯзона рост меояд. Аз шумораи умумии донишҷӯён 9461 нафарро занону духтарон ташкил медиҳанд, ки ҳамагӣ ниёз ба таълиму тарбия ва дастгирии ҳамарӯза доранд.

5. Дигар масъалае, ки боиси ташвиш гардида, зарурати қабули стратегияро ба миён овардааст, ин мушоҳида гардидани омилҳои номатлуб дар байни донишҷӯён, аз қабили ҳолатҳои террористӣ, экстремистӣ, ифротгароӣ, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ, ҷинояткорӣ, танфурӯшӣ, нашъамандиву нашъаҷаллобӣ ва ғайра, ки ҳаёти ҷамъиятиро халалдор карда, ба амнияти миллию давлатӣ таҳдид мекунад.

6. Бо таъсири шабакаҳои мухталифи иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои иттилоотӣ иддае аз донишҷӯёни сустиродаву ноогоҳ ба доми гурӯҳҳои манфиатҷӯ афтида, ба миллату Ватани худ хиёнат намуда, обрӯ ва мақоми мамлакатро дар арсаи байналмилалӣ паст мегардонанд.

7. Вобаста ба таҳлили вазъияти имрӯза таҳия ва қабули стратегия ягона механизми муассирест, ки дар шароити ҷой доштани таҳдидҳои замони муосир муносибати донишҷӯёнро бо давлат ва ҷамъият мепайвандад, аз хавфу хатарҳои ҷойдошта эмин нигоҳ медорад, ташаккул медиҳад, устувор мегардонад ва меҳрашонро нисбат ба давлату миллат дучанд менамояд.

8. Баланд бардоштани фарҳанги либоспушӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои Истиқлоли давлатӣ, ҳифзи Ватан, таҳкими Ваҳдати миллӣ, тавсеаи тарзи ҳаёти солим миёни донишҷӯён.

## III. АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ҚАБУЛ ВА АМАЛИШАВИИ СТРАТЕГИЯ

1. Асосҳои ҳуқуқии стратегияро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои ҶТ «Дар бораи маориф» «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи рушди ДМТ барои солҳои 2021-2025, Оинномаи ДМТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд.

## IV. ҲАДАФ ВА САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ СТРАТЕГИЯ

1. Ҳадафи асосии стратегия ин фароҳам овардани шароити мусоид, имконоти муассир ва ташаккули механизмҳои амалӣ ҷиҳати тарбияи донишҷӯён дар рӯҳияи ватандӯстӣ, фарҳангсолорӣ, худогоҳӣ, худшиносӣ, инсондӯстӣ, ифтихор ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ мебошад.

Тарбия падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ буда, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷамъият хизмат менамояд. Он ҳамчун фаъолияти махсуси мақсадноки инсон барои рушди шахс ва ворид шудани инсон ба ҷараёни зиндагии воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ равона карда мешавад. Тарбия дар донишҷӯён сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳуввияти миллӣ, инсондӯстӣ, озодандешӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ ва амсоли инро ташаккул медиҳад. Донишҷӯ бо чунин сифатҳо метавонад, ки дар пояи манфиатҳои миллӣ фаъолият намояд, нисбати зуҳуроти манфии ҷомеа аз лиҳози танқид назар кунад, Ватани хешро дӯст дорад ва манфиатҳои онро ҳимоя намояд, ҳамчун соҳиби тафаккури миллӣ ва посдори тамаддуни миллӣ дар пешрафти ҷомеа саҳмгузор бошад. Ҳадафи ниҳоии тарбия ташаккули инсони комил, соҳиби Ватан, нангу номуси миллӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари инсонӣ мебошад.

Дар ДМТ ҳамаи муҳассилин, қатъи назар аз миллат, нажод, эътиқод, ҷинс, забон, эътиқодҳои динӣ, мавқеи сиёсӣ ва вазъи иҷтимоӣ баробар тарбия мегиранд.

Самти тарбия дар ДМТ хислати универсалӣ дошта, мутаҳҳидкунандаи тарбияи миллӣ, тарбияи ғоявӣ, тарбияи миллӣ, тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ, тарбияи ватанпарастӣ, тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ, тарбияи маърифат, тарбияи ҳуқуқӣ, тарбияи гуманистӣ, тарбияи зебоипарастӣ, тарбияи меҳнатӣ ва касбинтихобкунӣ, тарбияи иқтисодӣ, тарбияи экологӣ, тарбияи сиёсӣ, тарбияи ҷисмонӣ, тарбияи тафаккури интиқодӣ, тарбияи таҳаммул ва тоқатпазирӣ, тарбияи масъулиятшиносӣ, тарбияи ҳаёти солим мебошад.

Самти тарбияи ДМТ ба марҳилаи чоруми тарбия дохил шуда, донишҷӯён дар ин марҳила донишу малакаи боз ҳам васеъ ба даст оварда, барои азхудкунии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ имконияти васеъ доранд.

2. Самтҳои афзалиятноки стратегия бо дарназардошти вазъи иҷтимоӣ ва талаботи воқеии донишҷӯён дар шароити ҷомеаи муосир ба таври зайл муқаррар гардидаанд:

- дастурдиҳӣ дар самти тарбияи ватандӯстӣ, фарҳангсолорӣ, худогоҳӣ, худшиносӣ, инсондӯстӣ, ифтихор ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллии донишҷӯён;
- тарбияи фарҳангӣ, маънавӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии донишҷӯён;
- тарбияи ҷисмонӣ, варзишии донишҷӯён;
- асосҳои иттилоотӣ, тарғиботӣ, бадеӣ ва оммавӣ дар самти тарбияи ватандӯстӣ, фарҳангсолорӣ, худогоҳӣ, худшиносӣ, инсондӯстӣ, ифтихор ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллии донишҷӯён;
- тарбияи маърифатӣ, ахлоқӣ, маданӣ ва эстетикии донишҷӯён.

Мақсад ва вазифаҳои Стратегия бо воситаҳои зерин ба амал бароварда мешаванд:

- ҷалби донишҷӯён ба барномаҳои радио ва телевизион, ки дар мавзӯъҳои ватандӯстӣ, фарҳангсолорӣ, худогоҳӣ, худшиносӣ, инсондӯстӣ, ифтихор ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ баргузор мешаванд;

- ҷалби донишҷӯён ба тамошои филмҳо ва барномаҳои таетрии хусусияти тарбиявидошта;

- гузаронидани дарсҳои кушоди тарбиявӣ дар сатҳи факултетҳо;

- ташкили вохӯриву сӯҳбатҳо бо олимону собиқадорони касбу кори гунонун;

- ташкили махфилҳои тарбиявӣ дар сатҳи факултетҳо;

- гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ дар хобгоҳҳо, барқарор намудани муносибатҳои ҳамкорӣ байни донишҷӯен, инкишофи худидоракунии онҳо тавассути созмонҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳои донишҷӯён;

- вусъатбахшии ҳамкории падару модарон ва ташкили рӯзҳои падару модарон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

-гузаронидани рейдҳои муштарак дар хобгоҳҳо;

-фароҳам овардани ҷанбаи илмӣ, маҷмӯӣ, пайдарпаӣ ва бетанаффусии фаъолият дар самти тарбияи донишҷӯён;

-таъмин намудани риояи пурраи ҳуқуқ ва озодиҳои донишҷӯен;

- ташкил кардани марказҳои байнимуассисавии рушди фаъолияти ғайритаълимии донишҷӯён;

-таъсиси шабакаи хадамоти мададрасонии иҷтимоию равоншиносӣ барои донишҷӯён.

-устувор гардонидани тарбияи миллии донишҷӯён ва баланд бардоштани тафаккури миллии онҳо;

-таҳияи системаи корҳои тарбиявӣ, ки тавассути онҳо ҳамкории падару модарон бо донишгоҳ устувор мегардад;

-ташкили вохӯриҳо ва сӯҳбатҳои мунтазами шоирону сиёсатмадорон бо донишҷӯён;

-пурзӯр намудани мавзӯъҳои тарбиявӣ ва баланд бардоштани масъулияти куратoрони гурӯҳҳои академӣ;

-мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасии мавзӯъҳои корҳои курсию дипломӣ қарор додани масъалаҳои тарбияи миллӣ, аз қабили тафаккури миллӣ, худшиносӣ, ваҳдат ва ифтихори миллӣ.

Ҳамчунин ДМТ тадбирҳои зеринро ба анҷом мерасонад:

➢ барои амалӣ намудани талаботҳои Стратегияи мазкур нақшаи чорабиниҳо таҳия намуда, иҷрои онро таъмин менамояд;

➢ низоми иттилоотии соҳаи тарбияи донишҷӯёнро таъмин менамояд;

➢ бо сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ дар самти тарбия робитаро устувор менамояд;

➢ донишҷӯёнро ба қоидаҳои муошırату муносибат, аз ҷумла доир ба риояи одоби муошират, ҳусни гуфтор, ҳифзи саломатӣ, муҳити зист ва ғайра ошно мегардонад;

➢ фаъол гардонидани сомонаи (сайти) шуъбаи тарбия ва бахши тарбияи садорати факултетҳо;

➢ барои аз байн бурдани зуроварӣ дар байни муҳассилин тавассути унсурҳои гуногуни тарбия тадбирҳои самарабахш меандешад:

➢ барои тарбияи мутахассисони дорои сифатҳои беҳтарин шароит муҳайё месозад;

➢ доир ба тарбияи истиқоматкунандагони хобгоҳ шароит муҳайё карда, барои тарбияи маънавӣ, хештаншиносӣ, худогоҳии миллӣ, гуманистӣ, меҳнатӣ, зебопарастӣ ва ғайраро тадбирҳо меандешад;

➢ риояи фарҳанги истифодаи шабакаи ҷаҳонии Интернет, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоиро дар донишҷӯён баланд мебардорад;

➢ барои мустаҳкам намудани зиракии сиёсии донишҷӯён ва саҳми онҳо дар тадбирҳои муҳимми давлатию байналмилалӣ, аз ҷумла: гуфтугӯйи тамаддунҳо, даҳсолаи об барои ҳаёт, ҷашнҳои миллию давлатӣ, намоишгоҳҳо, ҳафтаи фарҳангу адабиёт, вохӯриҳо, бозӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ ва ғайра мусоидат менамояд;

➢ фаъолияти шуъбаи кор бо ҷавононро дар самти чорабиниҳои варзишӣ, аз ҷумла ташкили дастаҳои футболи хурд, гӯштини миллӣ, бозиҳои миллӣ, чавгонбозӣ, шоҳмот ва шашка, волейбол ва ғайра пурзӯр менамояд;

➢ фаъолияти шӯрои кор бо занону духтаронро дар самти устувор гардонидани тарбияи донишҷӯдухтарон, истифодаи васеи либоси миллӣ, талқини фарҳанги либоспӯшӣ ва ғайра пурзӯр менамояд.

## V. ҲАМОҲАНГСОЗӢ ВА АРЗЁБИИ ҶАРАЁНИ АМАЛИШАВИИ СТРАТЕГИЯ

1. Қисми тарбияи ДМТ ташкил, ҳамоҳангсозӣ, арзёбӣ ва назорати корҳоро оид ба амалишавии стратегия амалӣ менамояд, тибқи тартиби муқаррараргардида ба Раёсати ДМТ бо дарназардошти вазъияти мавҷуда пешниҳод манзур менамояд.

## VI. НАТИҶАҲОИ НИҲОИИ СТРАТЕГИЯ

Натиҷаҳои амалишавии стратегия аз рӯи нишондиҳандаҳои муайянкунандаи сифати хизмат ба ҷомеа арзёбӣ карда мешаванд. Амалишавии чорабиниҳои стратегия ба инҳо имконият медиҳанд:

- тарбияи ватандӯстӣ, фарҳангсолорӣ, худогоҳӣ, худшиносӣ, инсондӯстӣ, ифтихор ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллии донишҷӯён ташаккул меёбад;

- ҷиҳати ташаккули ҷаҳони фарҳангӣ, маънавию сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқии донишҷӯён заминаҳои мусоид фароҳам оварда мешаванд;

- донишҷӯён дар рӯҳияи ватандӯстӣ, фарҳангсолорӣ, худогоҳӣ, худшиносӣ, инсондӯстӣ, ифтихор ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ тарбия меёбанд;

- ғояҳои ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, тамаддунофарӣ, фарҳангдӯстӣ ва аз худ кардани ахлоқи ҳамидаи инсонӣ дар байни донишҷӯён, ҷаҳонбинии демокративу дунявӣ, пойдории ваҳдат ва суботи ҷомеа васеъ таблиғ мегарданд;

- дар самти рушди ҷомеаи шаҳрвандии демократӣ ва фаъолгардонии ҷамъиятии донишҷӯён имкониятҳои зарурӣ ташаккул дода мешаванд;

- ташаббусҳои донишҷӯён дар самти амалишавии самараноки сиёсати донишгоҳӣ дастгирӣ меёбанд;

- дастовардҳои истиқлолият, масъалаҳои бунёди ҷомеаи пешрафта ва мутамаддини шаҳрвандӣ байни донишҷӯён тарғибу ташвиқ карда мешаванд;

- донишҷӯён ба меҳнат ва ҳифзи Ватан омода гашта, инчунин ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҳалли масъалаҳои соҳаи маориф, мубориза алайҳи ҷинояткорӣ ва нашъамандӣ, мукаммалгардонии ҳифозати шаҳрвандӣ ва маъмурӣ мусоидат карда мешавад;

- имкониятҳо дар самти рушди ҷомеаи шаҳрвандии демократӣ ва фаъолгардонии ҷамъиятии донишҷӯён ташаккул меёбад;

- фаъолият дар самти тарбияи ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ тақвият меёбад;

- эҳсоси ватандӯстӣ, ифтихори милливу хештаншиносӣ, ташаккули тафаккури баланди садоқат ба Ватан ва ифтихори миллӣ дар байни донишҷӯён боло меравад;

- масъулияти тамоми масъулини факултетҳо вобаста ба масъалаи хизмат ба ҷомеа дучанд мегардад;

- заминаҳои иҷтимоии масъалаи хизмат ба ҷомеа дар донишгоҳ такмил меёбанд;

- дар ДМТ тарбияи мутахассисони ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат аавалиндарача мешавад;

- оммаи васеи донишҷӯён ба қадру қимати арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ мерасанд ва дар натиҷаи омӯхтан, дидан ва мушоҳида кардан хотираи таърихии худро ғанӣ мегардонанд, маърифату ахлоқи донишҷӯён сифатан боло меравад;

- донишҷӯён дар рӯҳияи эҳтироми саломатӣ, пос доштани фарҳанги миллӣ ва эмин будан аз бегонапарастию худсириштӣ тарбия меёбанд;

- сатҳи маърифатию фарҳангӣ ва ахлоқии донишҷӯён ташаккул ёфта, ҳамчун як инсони комили худогоҳу хештаншинос ба воя мерасанд.

**НАҚШАИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ТАРБИЯ ДАР ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2021-2025**

| № | Чорабиниҳо | Масъулин | Муҳлати иҷро |
|---|---|---|---|
| 1. | Таҳия ва ба Раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниход намудани низомномаи намунавии маҳфили доимоамалкунандаи «Сарварони сиёсӣ» | Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ | октябри соли 2021 |
| 2. | Таҷдиди сохтори шуъбаи тарбия | Шуъбаи тарбия | 2021-2025 |
| 3. | Андешидани тадбирҳо дар самти бозбинӣ намудани музди меҳнати кормандони самти тарбия | Шуъбаи тарбия | 2021-2025 |
| 4. | Роҳандозӣ намудани пурсишномаҳо дар байни донишҷӯён дар самти тарбияи ватандӯстӣ, фарҳангсолорӣ, худогоҳӣ, худшиносӣ, инсондӯстӣ, ифтихор ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, муҳаббати донишҷӯён нисбат ба Ватан, эмин нигоҳ доштани аҳолӣ аз таҳдидҳои замони муосир | Шуъбаи тарбия, Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ, Бахши кор бо духтарону занон, Шӯрои кураторон | 2021-2025 |
| 5. | Ҷалби бештари донишҷӯён ба барномаҳои телевизиониву радиоии дорои мавзӯи ватандӯстона | Шуъбаи тарбия, шуъбаи кор бо ҷавонон, садорати факултетҳо | 2021-2025 |
| 6. | Ҷалби бештари донишҷӯён ба барномаҳои театрии дорои мавзӯи ватандӯстона | Шуъбаи тарбия, шуъбаи кор бо ҷавонон, садорати факултетҳо | 2021-2025 |
| 7. | Ҷоннок намудани фаъолияти маҳфили «Ихтиёриёни ҷавон» | Шуъбаи кор бо ҷавонон | мунтазам |
| 8. | Ташкили корҳои таблиғотӣ ва мулоқоту вохӯриҳои донишҷӯён бо ҷалби зиёиён, собиқадорони ҷангу меҳнат ва шахсони рӯзгордида, хатмкунандагони донишгоҳ | Шуъбаи тарбия, Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ, Бахши кор бо духтарону занон, Шӯрои кураторон | 2021-2025 |
| 9. | Ташкили ҷаласаҳои тарбиявӣ бо омӯзгорону донишҷӯён | Шуъбаи тарбия, Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ, Бахши кор бо духтарону занон, Шӯрои кураторон, садорати факултетҳо | ҳар нимсола |
| 10. | Ташкили рӯзҳои дарҳои кушоди тарбиявӣ дар гурӯҳҳои академӣ | Шӯрои кураторон, садорати факултетҳо | 2021-2025 |
| 11. | Ташкили озмуни мақолаи беҳтарин дар мавзӯи «Роҳҳои беҳтар намудани тарбияи ватандӯстии донишҷӯён-ҷавонон» | Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ | ҳар сол як маротиба |
| 12. | Ташкили семинарҳои омӯзишӣ ва мизи мудаввар дар мавзӯи «Нақши ҷавонон дар тарғиби ғоя ва арзишҳои миллӣ» | Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ | ҳар сол як маротиба |
| 13. | Ташкил ва гузаронидани мусобиқаҳои донишгоҳии варзишӣ байни донишҷӯён | Шуъбаи тарбия, Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ, садорати факултетҳо | ҳар сол як маротиба |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 14. | Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ дар хона-интернатҳо | Шуъбаи тарбия, Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ, Бахши кор бо духтарону занон, Шӯрои кураторон, Ансамбли халқии «Наврӯз»-и донишгоҳ | ҳар сол як маротиба |
| 15. | Тавсеаи ҳамкориҳо бо мақомотҳои давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар самти тарбияи ватандӯстии донишҷӯён | Шуъбаи тарбия, Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ, Бахши кор бо духтарону занон, Шӯрои кураторон, садорати факултетҳо | мунтазам |
| 16. | Мавриди омӯзиши доимӣ қарор додани суханрониҳо ва дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар байни донишҷӯёни тамоми гурӯҳҳои академӣ | Шуъбаи тарбия, Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ, Бахши кор бо духтарону занон, Шӯрои кураторон, садорати факултетҳо | мунтазам |
| 17. | Таъсиси гурӯҳи махсуси тарғибгарон дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои расмӣ аз ҳисоби донишҷӯёни фаъол дар муқовимат бо таҳдидҳои иттилоотӣ | Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ, садорати факултетҳо | мунтазам |
| 18. | Фаъол намудан ва ҷалби духтарону ҷавонзанон ба корҳои ҷамъиятӣ | Бахши кор бо духтарону занон | мунтазам |
| 19. | Баргузории чорабиниҳои маърифатӣ ва ватандӯстӣ дар байни духтарону ҷавонзанон оид ба тарғиби фарҳанги миллӣ | Бахши кор бо духтарону занон | мунтазам |
| 20. | Таҳияи маводи тарғиботӣ вобаста ба эмин нигоҳ доштани духтарону ҷавонзанон аз таҳдиди фарҳанги ба мо бегона | Бахши кор бо духтарону занон | мунтазам |
| 21. | Таҳияи Роҳнамои тарбиявӣ барои баргузории дарсҳои тарбиявӣ | Шуъбаи тарбия | то моҳи декабри соли 2021 |
| 22. | Ривоҷ додани ҳамкориҳои донишгоҳ (факултетҳо) бо волидайни донишҷӯён | Шуъбаи тарбия, Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ, Бахши кор бо духтарону занон, Шӯрои кураторон, садорати факултетҳо | мунтазам |
| 23. | Ҷалби мутахассисон-психологҳо бо мақсади баргузории дарсҳои кушоди тарбиявӣ | Шуъбаи тарбия, Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ, Бахши кор бо духтарону занон, Шӯрои кураторон, садорати факултетҳо | дар як сол як маротиба |
| 24. | Ташкили мизҳои мудаввар ва курсҳои лексионӣ оид ба таъсири омилҳои нашъамандӣ ба муҳит, роҳҳои пешгирии нашъамандӣ дар миёни донишҷӯён ва тарзи ҳаёти солим дар ҳамкории | Шуъбаи тарбия, Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ, Бахши кор бо духтарону занон, Шӯрои кураторон, садорати | дар як сол як маротиба |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | сохторҳои соҳаи тиб, ВКД, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ | факултетҳо | |
| 25. | Ташкили чорабиниҳо оид ба тарғиби тарбияи эҳтиром ба фарҳанги миллӣ аз тариқи радио, телевизион ва матбуоти соҳавӣ | Шуъбаи тарбия, Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ, Бахши кор бо духтарону занон, Шӯрои кураторон, садорати факултетҳо | мунтазам |
| 26. | Таҳия ва тасдиқи Дастури вазифавии муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ, куратори гурӯҳи академӣ | Шуъбаи тарбия, садорати факултетҳо | 2021 |
| 27. | Ҷоннок намудани фаъолияти Ассотсиатсияи волидайн дар факултетҳо | Шуъбаи тарбия | мунтазам |
| 28. | Ҷоннок намудани фаъолияти Ансамбли халқии «Наврӯз»-и донишгоҳ дар самти хизмат ба ҷомеа (омода намудани сабтҳои нав, баргузории барномаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ дар ятимхонаҳо, хонаҳои пиронсолон, боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ) | Ансамбли халқии «Наврӯз»-и донишгоҳ | ҳар нимсола |
| 29. | Ҷоннок намудани фаъолияти Осорхонаи ДМТ дар самти муаррифии дастовардҳои донишгоҳ | Осорхонаи ДМТ | мунтазам |
| 30. | Фаъол гардонидани кори маҳфили «Ровиёни ҷавон» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Ансамбли халқии «Наврӯз»-и донишгоҳ | мунтазам |